# Озмоишгоҳи истеҳсоли навъҳои ҳасиб

Дар парки технологии «Фановар» аз ҳисоби «Ташкилоти хамкориҳои байналмилалии Олмон» - GIZ дар асоси лоиҳаи «Барномаи минтақавии таҳсилоти касбӣ дар Осиёи Марказӣ» дар таърихи 22 октябри соли 2018 хатти технологии коркарди маҳсулотҳои гуштӣ, истеҳсоли ҳасиб ва ҳасибчаҳо васлу насб карда шуд. Хатти технологии коркарди маҳсулотҳои гуштӣ аз 16 номгӯи таҷҳизоту дастгоҳ иборат буда, маблағи он 353518 (Сесаду панҷоҳусе ҳазору панҷсаду ҳаждаҳ) сомониро ташкил медиҳад.





Аз 22 то 26 октябри соли 2018 дар парки технологии "Фановар" аз тарафи мутахассиси байналмилалӣ, доктор Волфганг Луц, бо ҳамроҳи мутахассис аз Ҷумҳурии Қирғизистон, барои омӯзгорон ва донишҷӯёни факултаи "Муҳандисӣ- технологӣ" семинари омӯзишӣ гузаронида шуд ва иштирокчиён дорои сертификат аз самти "Технологияи истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ" гаштанд.

